Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30)
E-Mail: rajabova@rambler.ru

Тақризи

роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими шуъбаи таҳқиқоти бахши воқеии иқтисодиёти Институти иқтисодӣ ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Файзулло М.Қ., ба диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иновацияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ

Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит соли 2014 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ равияи "молия ва қарз" хатм кардааст. Пас аз хатми бакалавриатура аз рӯи ихтисоси баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит зинаи таҳсилоти магистратураи донишгоҳи номбурдаро соли 2016, хатм намудааст. Соли 2019 аспирантураро дар назди кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ аз руи ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2020 то инҷониб ба ҳайси муаллими кафедраи идоракунии давлати ва маҳаллии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Аз рӯзҳои аввали таҳсилаш Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит фаъолона ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва раванди таълимии донишгоҳ машғул шуда, мавзӯи таҳқиқоти илмии худро дар мавзӯи "Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», интихоб кардааст.

Абдуҳамитзода А.А. пайваста ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул шуда, дар конфронсҳои сатҳи дохилидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро дар шакли мақолаҳо оид ба фаслҳои асосии рисолаи номзадиаш ба нашр расонидааст.

Дар давоми таҳсил Абдуҳамитзода А.А. худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ дода, натиҷаҳои илмӣ ба даст овардааст. Дар ҷараёни навиштани рисолааш у доираи васеи адабиётҳои зиёди ватанию хориҷӣ ва инчунин таҷрибаи ҷаҳонии ташаккули сиёсати инноватсионии минтақаро омӯхтааст.

У тавонистааст асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули сиёсати инноватсионии минтақаро таҳқиқ намуда ба натиҷаҳои зерини илмӣ ноил гаштааст:

- дар асоси таҳлили назариявии консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо мафҳуми нави сиёсати инноватсионии минтақа дар мазмуни зерин "сиёсати инноватсионии минтақа - маҷмӯи манфиатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақа, ки тавассути таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо муайян карда шуда, тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ амалӣ карда мешавад".

- исбот карда шудааст, ки методологияи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ қобили қабул нест, зеро навовариҳои идоракунӣ, ба монанди тағйир додани сохтори ташкилии корхонаҳо, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии фаъолияти кадрҳо, беҳтар намудани сифати маҳсулот, маркетинг ва диг. амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад. Ба замми ин ба самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ омилҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, этникӣ-фарҳангӣ, сатҳи даромад, эхтиёҷоти навоварон ва ғ. коргарон, беҳтар намудани шароити меҳнат ва истироҳат, сифати зиндагӣ таъсир мерасонад, ки бо як нишондиҳанда ҷамъбаст карда намешавад);

- муқаррар карда шудааст, ки таҷрибаи Ҳиндустон доир ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо ва баланд бардоштани ҳавасмандии муҳаққиқон, тавассути дастгирии молиявии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташкили

фондҳои минтакавии рушди илми Бразилия, таъсиси фондҳои мнтақавии дастгирии фаъолияти инноватсионии Канада, сиёсати инноватсионии характери иҷтимоӣ доштаи ИМА, ки барои дастгирии оилаҳои камбизоат тавассути лоияҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд барои минтақаҳои Тоҷикистон, ки ки сиёсати инноватсиониро тадбиқ менамоянд истифода шаванд.

- сабабҳои ба иҷро нарасидани индикаторҳои стратегии рушди инноватсионӣ нарасидани кадрҳои баландихтисоси илмӣ, таъминоти нокифояи молиявии соҳаи илм, ҳавасмандии пасти муҳаққиқон ва олимони ҷавон, набудани хариди давлатии маҳсулотҳои инноватсионӣ, сатҳи пасти идоракунӣ фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо, таҷрибаомӯзии нокифоя дар хориҷи кишвар ва ба таври кофӣ надонистани забонҳои хориҷӣ ва ғ. Ба ҳисоб меравaнд;

- зарурати таҳия ва тасдиқи ҳисоботи омории дастовардҳои инноватсионӣ дар сатҳи корхона, муассиса, хоҷагӣ ва дигар сохторҳо таъкид карда шуда, исбот карда шудааст, ки самти асосии сиёсати давлатӣ бояд ба фармоиши давлатӣ ба махсулоти инноватсионӣ нигаронида шавад, зеро дар ин ҳолат ташкилотҳои илмӣ эътимод ҳис мекунанд, ки маҳсулоти онҳо ба давлат зарур аст. Онҳо метавонанд бюджети худро таҳия намоянд ва ба иҷрои стратегии рушди инноватсионӣ машғул шаванд. Имтиёзҳои давлатӣ, суғуртаи фаъолият дар ҷуброн намудани зарари хатарҳои эҳтимолии марбут ба фаъолияти инноватсионӣ, метавонад иҷрои индикаторҳои сиёсати инноватсионии давлатро таъмин намояд.

Муқаррароти методологию методии асосноккунии пешниҳодҳои илмӣ, ки Абдуҳамитзода А.А. пешниҳод намудааст, зимни муҳокима дар конфронсу семинарҳои сатҳҳои гуногуни илми - амалӣ, аз ҷумла байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Чунин мешуморем, ки Абдуҳамитзода А.А., аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда баромада, кори илмӣ- таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку мубрами кишвар таҳия намудааст.

Аз ин ҷо, диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит, дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иновацияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, сарходими шуъбаи таҳқиқоти
бахши воқеии иқтисодиёти Институти
иқтисодӣ ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Файзулло М.Қ.

Файзулло Машраб Қурбоналӣ,
тел.: (+992900068866)
E-mail: mashrab@mail.ru
Суроға: 734024, ш. Душанбе,
к. Мирзо Ризо 6А

Имзои Файзулло Машраб Қурбоналӣ,
д.и.и, профессор, сарходими шуъбаи таҳқиқоти
бахши воқеии иқтисодиёти Институти
иқтисодӣ ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодӣ
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Мақсудшоева З.